*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 36 (4619) | ДУШАНБЕ, 13 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ИМАНГАЛӢ ТАСМАГАМБЕТОВ

**13-уми марти соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Имангалӣ Тасмагамбетовро, ки бо сафари корӣ ба Душанбе ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Имангалӣ Тасмагамбетовро ба муносибати Дабири кулли Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъин шудан самимона табрик гуфта, ба ӯ дар корҳояш комёбӣ орзу намуданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо вазифаҳои имрӯзаи созмонро баррасӣ карда, баъзе масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавию байналмилалиро баррасӣ намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати таҳкими ҳамкориро дар самти сиёсӣ, тавсеаи фаъолияти байналмилалии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои ҳарбӣ, ҳарбӣ - техникӣ ва низомию иқтисодӣ махсус таъкид карданд.

Ҳамчунин, аҳамияти пурзӯр намудани кори ҳамаҷониба ҷиҳати муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳо ба амният, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, зуҳуроти тундгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таъкид гардид.

Ҷонибҳо таҳкими минбаъдаи тавонмандии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро ҷиҳати мубориза алайҳи хатару таҳдидҳои мавҷуда муҳим арзёбӣ карданд.

Зимни суҳбат доир ба вазъи Афғонистон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

**www.president.tj**

## ИТТИЛОИЯ

**Дар бораи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 15-уми марти соли 2023, соати 10-00 дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-уми марти соли 2023 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 15-уми марти соли 2023 аз соати 08-00 то 09-30 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 221-12-47.**

## ИФТИТОҲИ ЧОР ИНШООТИ НАВ ВА ГУЗОШТАНИ САНГИ АСОС БАРОИ БУНЁДИ РОҲ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**13-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт бинои Раёсати дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ карданд.**



Дар асоси лоиҳа бинои раёсат сеошёна буда, бо тарҳи замонавӣ ва унсурҳои муосири шаҳрсозӣ бунёд гардида, он дар доираи нақшаи чорабиниҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта шудааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои Раёсати дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуҷраҳои корӣ, осорхона, маҷлисгоҳи замонавӣ ва дигар инфрасохтори соҳавӣ иборат буда, барои кормандони ин ниҳоди қудратии мамлакат шароити мусоиди фаъолият муҳайё гардидааст.

Маҷлисгоҳи бинои раёсат 70 ҷойи нишаст дошта, бо нишастгоҳҳои замонавӣ, ҳуҷраҳои корӣ бо технологияи информатсионӣ ва дигар таҷҳизоти лозима муҷаҳҳаз гардонда шудаанд. Дар китобхона дар баробари китобҳои соҳавӣ номгӯйи зиёди асарҳои бадеӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо мавҷуданд, ки минбаъд кормандон метавонанд аз он васеъ истифода намоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити бинои навбунёди Раёсати дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шуда, аз сифати корҳои анҷомёфта ва фароҳам овардани шароити муносиби корӣ қаноатмандӣ намуда, кормандонро барои хизмати софдилона ба нафъи давлату миллат ва таъмини амнияти шаҳрвандон ҳидоят намуданд.

**13-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Мактаби ҷаҳон» (Global school) - ро дар вазъияти тантанавӣ ба истифода доданд.**

Муассисаи нави таълимӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади амалӣ намудани иқдомот дар самти рушди соҳаи маориф, хоса баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии насли наврас аз ҷониби роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Лизинг» таъсис дода шудааст.

Мактаби замонавӣ дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, аз 5 ошёна иборат буда, дар масоҳати беш аз 27 садяк замин ҷойгир шудааст.

Бинои таълимӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ бо тамоми шароити муосир бунёд шуда, дорои 28 синфхонаи муҷаҳҳази таълимии фаннӣ, аз ҷумла физика, химия, биология, технологияи информатсионӣ, 6 ҳуҷраи корӣ, толори фарҳангӣ бо 80 ҷойи нишаст, ошхона барои 110 нафар дар як баст, китобхона бо адабиёти гуногуну толори хониш, толори варзиш ва майдончаи варзишии тобистона мебошад.

Ҳамчунин, дар назди мактаби нав муассисаи томактабӣ бо тамоми шароити зарурӣ барои 60 нафар таъсис дода шудааст.

Кӯдакистон дар ошёнаи якуми иншоот ҷойгир буда, дорои шаш синфхонаи барҳавои машғулиятгузаронӣ ва ҳуҷраҳои хобу истироҳат барои дӯстрӯякон мебошад. Дар синфхонаҳои машғулиятгузаронӣ бо мақсади ташаккулу инкишофи кӯдакон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ имконоти мусоид мавҷуд аст.

Муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Мактаби ҷаҳон» дар якҷоягӣ бо кӯдакистон барои 560 нафар пешбинӣ гардида, бо системаи гармидиҳӣ пайваст мебошад.

Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз кардани муассисаи нави таълимӣ дар пойтахти мамлакат беш аз 70 нафар, аз ҷумла 23 мутахассис, ба ҳайси омӯзгор ва мураббӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Раванди таълим дар ин боргоҳи маърифат бо забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русию англисӣ, дар асоси барномаҳои давлатии таълимии соҳавӣ ва ба тариқи шартномавӣ ба роҳ монда шудааст. Хонандагон ба муассисаи таълимӣ бо роҳи суҳбат қабул мешаванд.

Дар муассисаи навтаъсиси таълимӣ ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, синфхонаҳои фаннӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», солҳои 2020-2040 бо тамоми лавозимоту аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

Дар мактаби навтаъсис дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ҳамзамон кӯдакони муассисаи томактабию ибтидоӣ ба маҳфилҳои гуногун, аз ҷумла намудҳои гуногуни варзиш, хореография ва рақси мавзун, ҷалб мегарданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз муассисаи нави таълимӣ иқдоми роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Лизинг»-ро боиси дастгирӣ арзёбӣ намуда, хонандагону омӯзгоронро ба истифодаи мақсаднок аз имконоти муҳайёгардида роҳнамоӣ карданд.

Таълими босифат, ташаккули шахсият, омӯзиши донишҳои муосир ба хонандагон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ аз ҳадафҳои асосӣ дар самти таъсиси Муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатии «Мактаби ҷаҳон» дар шаҳри Душанбе арзёбӣ мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**13 - уми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК+)» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бехатар бо организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

## КОМИССИЯИ БАЙНИҲУКУМАТӢ - ТАВСЕАБАХШИ РАВОБИТ

**Даҳуми марти соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Молдова дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лилиан Дарий мулоқот кард.**



Таъкид шуд, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова 26-уми январи соли 1993 барқарор гардиданд.

Ҷонибҳо дар ҷараёни мулоқот густариши ҳамкории дуҷонибаю бисёрҷонибаро дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баррасӣ намуданд. Инчунин, аз сатҳи робитаҳои байнипарлумонӣ ва кори гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ қаноатмандӣ зоҳир гардида, ҷоннок намудани фаъолияти гурӯҳҳои дӯстиро зарур шумориданд.

Зикр шуд, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдоваро зиёда аз 15 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҳимояи мутақобилаи сармоягузорӣ, иттилоот, ташкил медиҳанд.

Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Молдова оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, ки соли 2004 таъсис ёфтааст, дар рушд ва тақвияти муносибатҳои гуногунҷанбаи дуҷониба нақши муҳим дорад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИФТИТОҲИ ЧОР ИНШООТИ НАВ ВА ГУЗОШТАНИ САНГИ АСОС БАРОИ БУНЁДИ РОҲ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

(Идома аз саҳ. 1)

**13-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои азнавсозии кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳоров санги асос гузоштанд.**



Навсозии роҳ аз хиёбони Саъдии Шерозӣ то даромадгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ дар асоси нақшаи генералии шаҳри Душанбе сурат гирифта, барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, дучарха ва пиёдагардон мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ шароит фароҳам мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хушҳолӣ аз иқдомҳои Раиси шаҳри Душанбе дар самти бунёди роҳу пул ва гузаргоҳҳои замонавӣ коргарону мутахассисонро барои иҷрои саривақтию босифати корҳо вазифадор намуданд.

Дарозии роҳ 6,6 километрро ташкил намуда, аз ду самт барои воситаҳои нақлиёт 8 хати ҳаракат сохта мешавад. Дар қисматҳои алоҳидаи роҳ ду хати алоҳидаи дигар барои нақлиёти ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар оянда панҷ роҳи дусатҳа мутобиқ ба талаботи ҷаҳонӣ сохта мешавад. Роҳҳои дусатҳа дар буриши кӯчаи Соҳилӣ бо Ҷанубӣ бо сохтани пул дар болои дарёи Душанбе, дар буриши кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ бо кӯчаи Қаҳҳоров, дар буриши кӯчаи Абай бо Қаҳҳоров, дар буриши хиёбони Саъдии Шерозӣ бо Ҳофизи Шерозӣ ва гузаргоҳи дусатҳа бо пул дар буриши кӯчаи Ҳабибулло Назаров бо Шерализода сохта мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба иҷрои босифати корҳо ҷалб намуда, супориш доданд, ки роҳ дар муҳлати 2,5 сол мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва тинҷию оромии Ватани маҳбуб иҷрои супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби шаҳрдорӣ ба ҳамин гуна бунёду ба истифода додани роҳҳои замонавӣ мусоидат мекунад, ки беназир аст.

Ҳамзамон, дар ҳамин рӯз техникаю механизмҳо ва масолеҳи сохтмоние, ки барои бунёди роҳи кӯчаи Қаҳҳоров истифода мегардад, муаррифӣ шуд. Қисми зиёди масолеҳи сохтмонии истифодашаванда, аз ҷумла тахтасангҳои оҳану бетонӣ, қубур бо андозаҳои гуногун, асфалт дар шаҳри Душанбе истеҳсол мешавад. Дар маҷмӯъ масолеҳи сохтмоние, ки барои бунёди роҳ истифода мешавад, ба ғайр аз битум, пурра истеҳсоли ширкатҳои ватанӣ мебошад. Дар рафти корҳои сохтмонӣ техникаву механизмҳои муосир истифода карда мешавад.

Бунёди роҳи кӯчаи Қаҳҳоровро Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳсоз» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто-гурӯҳ» анҷом медиҳанд.

Азнавсозии кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳоров бо сохти меъморӣ, имкониятҳои васеи хизматрасонӣ ва зебоӣ дар Тоҷикистон дар доираи иқдомҳои шаҳрдорӣ ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари мамлакат барои ба шаҳри пешрафта табдил додани пойтахти мамлакат амалӣ мешавад. Амалишавии чунин лоиҳа бо 5 роҳи дусатҳаву имкониятҳои васеъ барои ҳаракати нақлиёт, роҳи махсус барои нақлиёти ҷамъиятӣ, дучарха ва пиёдагардон дар шаҳри Душанбе бори аввал сурат мегирад.

Сохтмони роҳ аз хиёбони Саъдии Шерозӣ то даромадгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани имконияти хизматрасонӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт мусоидат мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди роҳ, пул ва гузаргоҳҳои дусатҳаи замонавиро дар шаҳри Душанбе намунаи асосии амалишавии нақшаҳои Ҳукумати мамлакат аз ҷониби шаҳрдорӣ ҷиҳати пурра раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ арзёбӣ карданд.

Зимни муаррифии нақшаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе маълумот дода шуд, ки бунёди роҳҳои чанд кӯчаву хиёбон ва гузаргоҳҳои дусатҳа оғоз мегардад.

Сохтмони роҳҳои дусатҳаи кӯчаи Қаҳҳоров дар буриши хиёбони Неъмат Қарабоев, дар буриши кӯчаи Соҳилӣ бо азнавсозии пули болои дарёи Душанбе, дар буриши кӯчаи Қаҳҳоров бо хиёбони Ҳофизи Шерозӣ ва дар буриши хиёбони Саъдии Шерозӣ бо Садриддин Айнӣ бо азнавсозии пули роҳи оҳан оғоз мегардад. Ҳоло охирон корҳо барои асосноккунии техникӣ идома дорад.

Дар оянда бунёди роҳ аз кӯчаи Қаҳҳоров то дарвозаи Шарқӣ бо дарозии 11,2 километр, 8 хати ҳаракат аз ду самт ва як роҳи дусатҳа, сохтмони роҳ аз маҳаллаи Чортут то маҳаллаи Чиртаки шаҳри Ваҳдат бо дарозии наздики 40 километр бо 6 хати ҳаракат аз ду самт, як пул ва 4 гузаргоҳи дусатҳа дар назар аст.

Имрӯз дар доираи иҷрои супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба бунёди роҳу пул ва гузаргоҳҳои дусатҳаву сесатҳае равона шудааст, ки хизматрасонии роҳу нақлиётро дар пойтахти мамлакат ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ мегардонад.

**13-уми марти соли 2023 дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави Литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Биноии нави замонавӣ аз чор ошёна иборат буда, барои 1280 хонанда пешбинӣ гардидааст.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити фароҳамовардашуда шинос гардида, барои баланд бардоштани савияи донишу корбарии дуруст бо хонандагон ба масъулин маслиҳатҳои муфид доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки иншооти мазкур дорои 47 синфхонаи замонавию барҳаво буда, барои таълиму тарбияи хонандагон синфхонаҳо бо тамоми аёниятҳои дарсӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Инчунин, дар литсей 10 синфхонаи алоҳидаи фаннӣ барои омӯзиши химия, физика, биология, математика ва геометрия ташкил гардида, барои гузаронидани таҷрибаву озмоишҳо имконияти мусоид фароҳам мебошад. Дар баробари ин, дарси омодагии дифои ҳарбӣ низ дар синфхонаи алоҳидаи муҷаҳҳаз гузаронида мешавад. Ба хотири соҳибҳунар намудани таълимгирандагон, дар дохили бинои нав 3 синфхонаи алоҳидаи омӯзиши касбу ҳунар барои писарон ва духтарон ташкил гардида, дар он ҷо онҳо малакаи кандакорӣ, дӯхти сарулибос ва омодакунии ҳар гуна таомро аз бар менамоянд. Ҳамчунин, бинои нав дорои ҳуҷраи алоҳидаи тиббӣ бо тамоми дастгоҳҳои зарурии корӣ мебошад.

Бинои нав дорои ошхона бо 216 ҷой буда, толори маҷлисии он низ бо санъати баланд ва шароиту имконоти муосир бунёд гардидааст. Ин толор дорои 330 ҷойи нишаст буда, барои гузаронидани ҳамоишу чорабиниҳои фарҳангӣ мусоид мебошад.

Зимни боздид ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки ба хотири рушди намудҳои гуногуни варзиш дар литсей толори алоҳидаи варзишӣ бунёд ёфта, он барои навъҳои гуногуни варзиш, ҳамсони волейболу баскетбол ва футбол, пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, дар назди бино ду майдони алоҳидаи дигари футболу волейбол ташкил гардидааст, ки барои гузаронидани тамринҳои гуногун мусоид мебошад.

Бинои нави Литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо пайгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдухалил Ғуломов бунёд гардида, ин иқдоми соҳибкор мушкилоти муассисаро дар самти фароҳам овардани шароити муосири таълимӣ пурра ҳал намуд.

Бунёди бинои нави Литсейи равияи табиию риёзӣ аз ҷумлаи тадбирҳои вобаста ба татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» маҳсуб гардида, ба ин васила дар литсей барои азбаркунии ҳамаҷонибаи илмҳои табиию риёзӣ имконияти мусоид фароҳам шуд.

Зимни боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдоми соҳибкорро намунаи ибрат ва қобили дастгирӣ арзёбӣ намуданд. Роҳбарият ва омӯзгорони литсей вазифадор шуданд, ки шароити мазкурро хубу ҳамаҷониба истифода бурда, барои соҳибилм намудани кӯдакону наврасон садоқатмандона кору фаъолият намоянд.

**13-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанберо мавриди истифода қарор доданд.**



Иншооти навбунёд аз таҳхона ва 5 ошёна иборат буда, дар ошёнаи якум толори хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, андозсупорандагон ва маҷлисгоҳ бо 120 ҷойи нишаст ҷойгир мебошад.

Ҳамчунин, дар ошёнаҳои болой ду маҷлисгоҳи дигар барои 100 нафар, бойгонӣ ва дигар ҳуҷраҳои хизматрасонӣ сохта шудааст.

Бинои Нозироти андоз дар ноҳияи Сино дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, дар он барои 110 корманди соҳа, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва андозсупорандагон шароити хуби кору хизматрасонӣ фароҳам шудааст.

Масоҳати умумии иншоот 30 садяк заминро ташкил намуда, корҳои сохтмонӣ дар он соли 2021 оғоз гардида буд.

Фармоишгари иншоот Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паймонкор Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мега Техника Иншоот» мебошад.

Дар бинои тозабунёд 40 ҳуҷраи корӣ мавҷуд мебошад, ки ҳар яки он бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз шудааст. Насби дастгоҳу таҷҳизот ва барномаҳои муосири соҳавӣ имкон медиҳад, ки шаффофияти фаъолияти нозироти андоз дар муносибат бо андозсупорандагон таъмин карда шуда, бидуни омили инсонӣ ва бо сарфаи вақт пешниҳоду гирифтани маълумот оид ба фаъолияти молиявию уҳдадориҳои андозсупорӣ анҷом дода шавад.

Ҳамзамон, соҳибкорон имкон пайдо намуданд, ки бо истифода аз шабакаи интернет эъломияҳои худро ба тариқи электронӣ пешниҳод намоянд, санадҳои муқоисавӣ тартиб диҳанд, ҳисобварақаи худро аз назар гузаронанд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории андоз, ки дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудаанд, шинос шаванд.

Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо тарҳу услуби хоси меъморӣ бунёд ва саҳни он бо гулу бутта ва ниҳолҳои ороишию сояафкан ободу зебо гардонида шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар ин бино ба роҳбарият ва кормандон ҷиҳати боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таваҷҷуҳ ва дастгирҳои ҳамешагиашон нисбат ба кормандони мақомоти андоз миннатдорӣ карда, бинои навбунёдро дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз туҳфаи арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд.

**www.president.tj**



# ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА ФАЪОЛИЯТРО БЕҲБУД МЕБАХШАД

**Ёздаҳуми марти соли 2023 дар қароргоҳи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳти роҳбарии раиси комиссия, раиси Кумитаи Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия оид ба илм, маориф ва фарҳанг Лилия Гумерова ҷаласаи комиссияи мазкур баргузор гардид.**

Дар он раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ва намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода суханронӣ намуданд.

Муовини раиси комиссия, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ оид ба таҷдиди муқаррароти Қонуни намунавӣ «Дар бораи асосҳои фаъолияти ҷавонон» маърӯза ва роҷеъ ба лоиҳаҳои қонунҳо дар соҳаи истифодаи зеҳни сунъӣ, дастгирии молиявии фаъолияти инноватсионӣ ва лоиҳаҳои таълимӣ барои мактаббачагон ва олимони ҷавони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ибрози андеша намуд.

Дар чорабинӣ намояндагони парлумонҳои Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, инчунин кормандони Котиботи Шӯрои АБ ИДМ таҳти роҳбарии Котиби генералии Шӯрои АБ ИДМ Дмитрий Кобитский иштирок доштанд.

Вакилон ва сенаторҳои кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил татбиқи «Нақшаи нави қонуни намунавӣ дар ИДМ барои солҳои 2023-2025» - ро, ки дар сессияи тирамоҳии Ассамблеяи байнипарлумонӣ дар Самарқанд тасдиқ шудааст, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷаласа Виолетта Ладутко, муовини сардори Маркази таҳлили низоми Донишгоҳи давлатии иқтисодии Беларус дар бораи лоиҳаи қонуни намунавӣ «Дар бораи фондҳои мақсадноки дастгирии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ» сухан гуфт.

Қабули қонун, ба ноил шудан ба стандартҳои баланди байналмилалӣ ва давлатӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, инчунин ба такмили сиёсати давлатии кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи илмию инноватсионӣ мусоидат мекунад, - қайд кард Виолетта Ладутко.

Иштирокчиёни ҷаласа бо рафти таҳрири Қонуни намунавӣ «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» шинос шуданд. Қабули он ба таҳкими ҳамкории олимон дар кишварҳои ИДМ ва баланд бардоштани мақоми субъектҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Вакилони парлумон пешниҳодҳоро оид ба рушди шаклҳои шабакавии ҳамкорӣ дар татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олӣ баррасӣ карданд. Дар ин бора Андрей Рудской, раиси Шӯрои коршиносон оид ба илм ва маорифи ИДМ, ректори Донишгоҳи политехникии Санкт-Петербурги Пётри Кабир маърӯза кард.

Иван Мушкет, муовини раиси котиботи Шӯрои АБ ИДМ, директори Пажӯҳишгоҳи байналмилалии мониторинги рушди демократияи АИ ИДМ ба аъзои комиссия пешниҳод кард, ки баргузории Олимпиадаи байналмилалии илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ барои мактаббачагони мамлакатҳои ИДМ баррасӣ шавад.

- Мақсади асосии озмуни зеҳнӣ паҳн кардани дониш дар бораи принсипҳои рушди демократии ҷомеаи муосир, парламентаризм ва ҳуқуқи инсон мебошад. Олимпиада, инчунин ба таҳкими робитаҳои дӯстонаи ҷавонони кишварҳои узви ИДМ, ошкор ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд мусоидат мекунад, - гуфт Иван Мушкет.

Институти байналмилалии мониторинги рушди демократияи АБ ИДМ соли сеюм аст, ки олимпиадаи донишҷӯёнро бахшида ба омӯзиши низоми интихоботии кишварҳои ҷаҳон бомуваффақият гузаронида истодааст. Соли гузашта дар он 1465 донишҷӯ аз 149 давлат иштирок доштанд.

Директори Кумитаи байналмилалии Делфия Владимир Понявин дар бораи Бозиҳои XVI Делфии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ, ки дар Душанбе баргузор шуд, сухан гуфт. Лозим ба ёдварист, ки дар он 500 ҷавони аз 10 то 25-сола аз ҳафт кишвари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкат доштанд.

Дар ин раванд доир ба баргузории Бозиҳои паралимпӣ табодули афкор сурат гирифт.

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСАИ КОМИССИЯИ НАЗОРАТ ВА БУҶЕТИ АБ ИДМ




**Ёздаҳуми марти соли 2023 дар Қасри Таврия, қароргоҳи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ ҷаласаи Комиссияи назорат ва буҷети Ассамблеяи байнипарлумонӣ оид ба назорат ва буҷети ИДМ баргузор гардид, ки дар он вакили Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода суханронӣ намуд.**

Дар ҷаласа намояндагони парлумонҳои Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат доштанд.

Иштирокчиён таъмини молиявии фаъолияти ташкилотро баррасӣ карданд. Масъалаҳои марбут ба маблағгузории ҷории Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи ҷавонон, ташаккул ва татбиқи буҷети АБ ИДМ низ, муҳокима гардид.

Дар ҷаласаи комиссияи мазкур намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода суханронӣ намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

14 март - Рӯзи кормандони мақомоти прокуратура

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад, ҳамчун падидаи муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат мақому манзалати хос дорад.**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА




Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини сатҳу сифати қонунгузорӣ, тақвияти ватандӯстиву ватанпарастӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат, субот ва амнияти ҷомеаву давлат ва дигар масъалаҳои муҳими сиёсати дохилию хориҷии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шуда, роҳҳои ҳаллу фасли онҳо муайян мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ барои таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан мақомоти прокуратура, дастуру супоришҳо медиҳанд.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда буда, дар доираи ваколатҳояш риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти прокуратура боби нуҳум бахшида шудааст, ки фарогири 5 модда мебошад. Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзим намудааст.

Тибқи он, вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Аз ин рӯ, дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақомоти прокуратура муваззаф мешавад. Чунончи, Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 20-уми апрели соли 2011 таъкид карданд, ки «фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия, харидуфурӯши одамон ва таҳкими сулҳу суботи ҷомеа равона карда шавад. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, прокуратура ва судҳо бояд бо ахлоқи ҳамида, рафтору кирдор ва ватандӯстиву ватанпарастӣ намунаи ибрати дигарон бошанд».

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура пешгирии ҷиноятҳо, муқовимат ба коррупсия, терроризм, экстремизм ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо мебошад. Президенти кишвар зимни ироаи Паём 26-уми апрели соли 2013 ба мақомоти дахлдори давлатӣ, бавижа Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои муқовимат ба коррупсия, супориш доданд, ки стратегияи нави пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсияро барои ҳашт соли оянда таҳия ва пешниҳод намоянд.

Дар натиҷа, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми августи соли 2013 таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ шуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми апрели соли 2014 низ Прокуратураи генералӣ барои таҳия намудани лоиҳаи қонуни дахлдор вазифадор гардид. Сарвари давлат ба Прокуратураи генералӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш доданд, ки ҷиҳатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоии содиршавии ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро аз ҷониби ноболиғон ҳамаҷониба омӯхта, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои низоми огоҳкунӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғон»-ро таҳия намоянд. Дар заминаи Паёми зикргардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 2-юми январи соли 2020 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон танзим менамояд.

Вазъи мураккаби геополитикии ҷаҳони муосир ва паҳншавии зуҳуроти номатлубу даҳшатовари терроризм ва экстремизм, ки барои ҷомеаи башарӣ, сулҳу субот, амнияти давлат ва рушди устувори давлатҳо таҳдиди бевосита менамояд, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки сайёраро ба ташвиш овардааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ аз оқибатҳои даҳшатовари терроризм ва экстремизм, ки дар ин ё он гӯшаи ҷаҳон содир мегарданд, нигаронӣ карда, баҳри мубориза бар зидди чунин зуҳуроти хатарнок дидгоҳу назар ва афкору андешаҳои аз лиҳози илмиву амалӣ асосноки хешро баён месозанд ва баҳри ҳифзу таъмини амнияти давлату ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти прокуратура муваззаф карда мешаванд. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 20-уми январи соли 2016 зикр намуданд, ки вазъи бамиёномада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкиливу ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи барномаи стратегии давлат тақозо дорад. Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳар чӣ зудтар «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020»-ро таҳия ва пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти марбута муваззаф шуданд, ки доир ба масъалаи таъсиси маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм ба Ҳукумат пешниҳоди асоснок манзур созанд.

Барои иҷрои муқаррароти Паёми Президенти мамлакат аз 20-уми январи соли 2016 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми ноябри соли 2016 таҳти № 776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 - 2020» тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд. Ҳамзамон, дар сохтори дастгоҳи марказии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикӣ таъсис дода шуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22-юми декабри соли 2016 ба хотири рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ супориш дода шуд, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд. Дар ин замина мутобиқи талаботи Паёми зикршуда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми феврали соли 2018 таҳти № 1005 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» тасдиқ шуд. Консепсияи мазкур яке аз барномаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи мамлакатро барои амалӣ намудани меъёру муқаррароти он ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи солҳои 2018 - 2028 муайян мекунад.

Бо мақсади пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм ва коррупсия дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми декабри соли 2018 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти прокуратура, вазифадор шуданд, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» тибқи муқаррароти Конститутсия қабул ва 2-юми январи соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид.

Пешвои миллат зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ 26-уми декабри соли 2019 таъкид намуданд, ки «Шарти муҳими ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад». Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки 16-уми ноябри соли 1999 қабул гардида буд, ёдрас шуданд ва вобаста ба талаботи замон масъалаи такмил додани онро таъкид намуда, ба вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки лоиҳаи қонуни зикршударо дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Ҳамин тавр, барои иҷрои талаботи Паёми зикршуда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 23-юми декабри соли 2021 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми январи соли 2021 бо мақсади идома додани корҳо дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм Прокуратураи генералӣ муваззаф гардид, ки лоиҳаи нави «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намояд. Биноан, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июни соли 2021 таҳти № 187 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тасдиқ шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ 23-юми декабри соли 2022 низ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур фармуданд. Чунончи, Сарвари давлат дар ин Паём ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир мешаванд, зарур донистанд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аз ин рӯ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ вазифадор шуданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳоро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Дар мамлакат бо мақсади баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус кормандони мақомоти прокуратура, 25 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки аксарияти онҳо дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» содир гардидаанд. Дар Паёми навбатӣ низ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми декабри соли 2022 масъалаи баланд бардоштани музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба миён гузошта, пешниҳод карданд, ки аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шаванд.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ - ҳуқуқӣ дар беҳбудии вазъи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкиму тақвияти фаъолият, бахусус мақомоти прокуратура, саҳми бориз доранд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

Тозанашр

# «НАРОДНАЯ ГАЗЕТА О НАРОДНОМ ПРЕЗИДЕНТЕ» АЗ НАШР БАРОМАД




**10-уми марти соли равон дар маҷлисгоҳи Маҷмааи табъу нашри «Шарқи озод» китоби дуюми «Народная газета о народном Президенте», ки онро нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Народная газета» дар ду ҷилд омода ва нашр намуд, рӯнамоӣ гардид.**

Китоб ба истиқболи Рӯзи матбуоти тоҷик ва 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфта, идомаи мантиқии китоби аввал мебошад. Дар он паёмҳо, суханрониҳо, муроҷиатҳо ва сафарҳои кориву расмии Пешвои миллат ва гулчини матолибе, ки доир ба фаъолияти созандаи Роҳбари давлат солҳои охир дар рӯзномаи «Народная газета» нашр гаштаанд, ҷой дода шудааст.

Матлабҳои «Народная газета о народном Президенте» ба хонандагон аз ҳаёти сиёсии кишвар дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ва зиндагии мардум дар он замон, ки чандон саҳл набуд, иттилои фаровон манзур менамояд. Хонандагон аз китоб, ҳамчунин, ба суоли чӣ гуна солҳои охир дар сатҳи байналмилалӣ боло рафтани обрӯ ва нуфузи Тоҷикистон посух дармеёбанд. Ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат махсусан дар соҳаи об, тағйирёбии иқлим ва мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм низ аз назари таҳиягарони китоб дур намонда. Дар ин мавзӯъ аз китоб матолибе метавон дарёфт, ки оид ба ташаббусҳои ҷаҳонии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот медиҳанд.

Он барои доираи васеи хонандагон, аз ҷумла донишҷӯёну аспирантон, сиёсатшиносон ва онҳое, ки ба таърихи ба даст овардани Истиқлолияти давлатии тоҷикон таваҷҷуҳ доранд, пешбинӣ шудааст.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ДАСТУРИ НАВИ БИБЛИОГРАФӢ РОҶЕЪ БА ФАЪОЛИЯТИ ПРЕЗИДЕНТ БА НАШР РАСИД




**10-уми марти соли равон дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамоии китоби «Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Ҷумҳурият», ки онро Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода кардааст, баргузор шуд. Дар чорабинӣ донишмандон, пажӯҳишгарон, китобдорон ва рӯзноманигорон ширкат намуданд.**

Директори Китобхонаи миллӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҷумахон Файзализода нашри китоби мазкурро дар арафаи 111- солагии Рӯзи матбуоти тоҷик фоли нек номид. Номбурда ҳадафи нашри китобро шарҳ дод ва ҳозиринро бо муҳтавои он ошно намуд.

- Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори алоҳидаи Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон барои гирдоварӣ, мураттабсозӣ, феҳристнигорӣ, ҳифз, коркарди илмӣ ва нигоҳдории мавод, таҳия ва нашри дастурҳои библиографӣ дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Медиатека тасмим гирифтааст, ки дар оянда силсиланашри китоби мазкурро дар ҳамкорӣ бо рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва дигар нашрияҳо идома диҳад, - иброз дошт Ҷумахон Файзализода.

Боиси зикр аст, ки китоби «Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (солҳои 2019-2021) аз ҷониби корманди Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Оинамо Имомназарова мураттаб шуда, зери назари доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҷумахон Файзализода омода гаштааст. Муҳаррирон Гадобег Маҳмудов ва Нуқра Аҳмадова мебошанд. Китоб 3422 маводро дар бар мегирад, ки тайи се сол ба нашр расидаанд. Маводи гирдоваришуда дар панҷ бахш: «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Шахсиятҳои гуногун дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муносибатҳои хориҷӣ» ва «Сарчашмаҳои электронӣ» гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» Қурбоналӣ Раҳмонзода аз нашри китоб ва инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нашрияи расмии Ҳукумати Тоҷикистон ва зарурати чунин дастури мавриди назар сухан кард. Вай иброз дошт, ки дар ин дастур маводи солҳои 2019-2021 пурра гирдоварӣ шудааст ва ин солҳо давраи пурмаҳсултарини нашрия оид ба инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз ин рӯ, танҳо матлабҳои ҳамин давра дар китобнома гирдоварӣ шудаанд.

Китоби мазкурро сардори Раёсати табъу нашри Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмоналӣ Шералиев падидаи нек ва маводи хубе барои пажӯҳишгарон арзёбӣ кард. Ҳамчунин, раиси Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон Ҳуриннисо Ализода, сармуҳаррири рӯзномаи «Минбари халқ» Суҳроб Рауфзода, ҳафтаномаи «СССР» Сайёфи Мизроб ва намояндагони дигар нашрияҳо дар бобати китоби «Инъикоси фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» (солҳои 2019 - 2021) андешаҳояшонро баён карданд.

Дар ҳамоиш мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Нурулло Оқилзода иштирок дошт ва ин иқдоми китобдоронро дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик муборакбод намуда, ба роҳбарияти Китобхонаи миллӣ дар идома додани ин кор барору комёбиҳо таманно намуд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

**Далер Абдулло - муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ мушарраф гардид.**

**Маросими ботантанаи ҷоизасупорӣ 11-уми марти соли равон зимни таҷлили Рӯзи матбуот бо ҳузури мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода, журналистон, устодону донишҷӯён ва собиқадорони соҳа аз саросари кишвар, дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд.**

# ҚАДРШИНОСӢ ДАР РӮЗИ МАТБУОТ



Бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ қадр гардидани заҳматҳои тӯлонии Далер Абдулло боиси хушнудӣ ва ифтихори аҳли эҷоди рӯзномаи «Садои мардум» гашт.

Қобили зикр аст, ки номбурда яке аз рӯзноманигорони сермаҳсули кишвар буда, пайваста аз манфиатҳои давлату миллат ҳимоя мекунад. Ӯ аз зумраи қаламкашонест, ки дар шароити пуртазоди муборизаҳои иттилоотӣ дар сафи пеш қарор дорад. Мақолаву гузоришҳои зиёдаш дар масъалаҳои марз, терроризму экстремизм, инчунин, раддия ё ҷавобҳояш ба ҳарзаҳои бадхоҳони давлату миллати тоҷик гувоҳи гуфтаҳои болост.

Аз ин ҷост, ки заҳмати ҳамкори мо бо Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, медалҳои 100 - солагии матбуоти тоҷик, «Марзбон», «30 - солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», нишонҳои «Аълочии матбуот», «Аълочии фарҳанг», «Аълочии маориф ва илм», инчунин, сипосномаву ифтихорномаҳои зиёд қадрдонӣ шудааст.

Далер Абдулло солҳои 1998-2003 дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бо дипломи сурх хатм кардааст. Ҳамчунин, хатмкардаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз рӯи ихтисоси «Нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ» (солҳои 2012-2014) ва факултети «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017 – 2020) мебошад.

Номбурда беш аз 20 сол аст, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» фаъолияти пурсамар дорад. Ӯ ҳамчун хабарнигор ба кор қабул шуда, солҳои 2006 – 2014 ба ҳайси мудири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ифои вазифа намуда, аз моҳи майи соли 2014 муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» мебошад.

Маҳсули эҷодаш дар якчанд озмунҳои ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи аввал ва ҷойҳои дигари ифтихорӣ шудааст. Муаллифи чор китоб – «Родмарде дар масири сиёсат», «Нигоҳбони роҳи ҳаёт», «Нахли ҳақиқатбор» ва «Тағйирнопазир» мебошад.

Илова бар фаъолияти журналистӣ, унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар бахши сиёсатшиносӣ таҳқиқ мебарад.

Зимнан, дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик, ҳамчунин, кормандони дигари рӯзнома аз ҷониби сохтору мақомоти гуногун, ба сипосномаву ифтихорнома қадр шуданд. Аз ҷумла дар чорабиние, ки ба ин хотир дар факултети журналистикаи ДМТ доир шуд, муҳаррири шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор Фарзона Файзалиева барои инъикоси масъалаҳои илму маориф, тарғиби маънавиёт ва фаъол будан дар муборизаҳои иттилоотӣ бо мукофот ҳавасманд гардид. Хабарнигори шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа Шарофат Абдулвоҳидоваро Кумитаи кор бо занон ва оила барои тадбиқи сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ бо сипоснома қадр намуд.

Мухбири рӯзнома дар вилояти Суғд Мирзоаъзам Мақсудов бо ҷоизаи созмони вилоятии Иттифоқи журналистон ба номи Ҳоҷӣ Содиқ сазовор шуд.

Мухбири рӯзнома дар вилояти Хатлон Сулаймон Султоновро, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб барои эҳсоси масъулияти баланди касбӣ, саҳми назаррас дар инъикоси дастовардҳои давлат ба сипоснома қадр кард. Ӯ, ҳамчунин, дар озмуни вилоятии «Неруи сухан», ки дар арафи Рӯзи матбуот ҷамъбаст шуд, ғолиби ҷойи сеюм гашт.

Мухбири рӯзнома дар ВМКБ Машҳури Имомназарро Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба ифтихорнома сарфароз намуд.

Зимни ҷамъбасти озмуни «Муаррифкунандаи дастовардҳои шаҳри Кӯлоб» мухбири рӯзнома дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Исломи Раҷабалӣ сазовори ҷойи дуюм гашта, бо диплом ва мукофот қадр карда шуд.

Дар чорабинии тантанавие, ки 11 - уми март дар Китобхонаи миллӣ баргузор шуд, ҳамчунин як зумра рӯзноманигорон аз дигар воситаҳои ахбори омма бо ҷоизаҳои гуногун қадрдонӣ шуданд.

Зулфия Давлатзода Рӯзи матбуотро ба аҳли толор шодбош намуда, аз нахустрӯзномаи миллати тоҷик ёдрас шуд. Номбурда, аз ҷумла, чунин гуфт: «Таҷлили Рӯзи матбуоти тоҷик аз падидаҳои даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ буда, он бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1994 инҷониб дар саросари кишвар ба таври расмӣ ҷашн гирифта мешавад. Рӯзи матбуоти тоҷик ба чопи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф», ки шумораи аввалини он 11 марти соли 1912 интишор ёфтаву дастраси хонандагон гардида буд, иртибот дорад. Имсол аз чопи ин рӯзнома 111 сол сипарӣ гардид».

Мавриди зикр аст, ки имсол Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ба чор шахсияти шинохтаи дигари кишвар - устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент Муртазо Зайниддинов, хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар вилояти Суғд Ҷовиди Аштӣ, хабарнигори шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон Карим Ҳайдаров ва директори Академияи ВАО-и Тоҷикистон Саъдӣ Маҳдӣ сазовор гардиданд.

Донишҷӯёни фаъол Амони Муҳаммад аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Фарида Баротова аз Донишгоҳи давлатии Бохтар ва Нӯршервон Ашӯров аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Воҳид Асрорӣ сарфароз шуданд. Ҷоизаи ба номи Асадулло Саъдуллоевро нашрияи «Анвори дониш» сазовор шуд.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба ҳамаи сохтору мақомоте, ки аз рӯзномаи «Садои мардум» ёд овардаву кормандони онро қадр намуданд, изҳори сипос менамоем.

**Т. ФАРРУХПАЙ, Ф. ФАЙЗАЛИЕВА, «Садои мардум»**

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН!



**АМОНЗОДА Илҳом Темур, доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Довталабони гиромӣ!

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта, аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олидоштаро, ки то даврони истиқлолияти давлатӣ дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд. Дар тӯли фаъолият барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 15000 нафар мутахассисони рақобатпазир омода шуда, ҳоло дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар фаъолият менамоянд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ - педагогӣ, пойгоҳи васеи моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ зиёда аз 900 компютер ва 24 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 30 озмоишгоҳи тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд. Донишгоҳ бо хати оптикӣ ба шабакаи интернет пайваст мебошад. Мавҷудияти академияи маҳаллии Cisco имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок варзанд ва соҳиби сертификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.



Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат омода бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо барои таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб мешаванд. Онҳо дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн ширкат намуда, маҳорати касбии худро сайқал медиҳанд. Донишҷӯёни ҳама факултетҳо дар ин марказҳои ҳунаромӯзӣ иштирок карда, метавонанд нозукиҳои дӯхтани сарулибос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар арғумонҳоро аз худ намоянд. Дар донишгоҳ инчунин аз рӯйи 21 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал мекунад.




Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 138 таълимгоҳи олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ донишгоҳ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ дар хориҷи кишвар имконияти васеъ фароҳам меорад. Дар назди ДТТ фаъолият намудани Маркази Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва савораҳои беодамро аз худ намоянд. Дар маркази мазкур се нафар устодони варзида аз Кореяи Ҷанубӣ дарс меомӯзонанд.



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус, созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Полотск ба имзо расонидааст, ки дар заминаи он факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар асоси низомномаи факултет дар назар аст, ки донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 49 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура аз рӯйи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад. Ба қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28-уми феврали соли 2020 таҳти №49 ду барномаи таълимии донишгоҳ бо муҳлати 5 сол ва як барномаи таълимӣ ба муҳлати 3 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шурӯъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар донишгоҳ ихтисоси нав - Интеллекти сунъӣ таъсис шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда, инчунин, китобхонаи электронии донишгоҳ бо истифодаи 30 адад компютер ташкил шудааст. Як толори ташкили онлайн - дарсҳо низ мавриди истифода қарор ёфта, бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар дарсҳо гузаронида мешаванд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии кореягӣ бо ҷалби устодон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

Бовар дорам, ки шумо, довталабони азиз, Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро барои идомаи таҳсил интихоб намуда, ҳамчун мутахассиси варзида ба нафъи халқу Ватан хизмати софдилона хоҳед кард.

## НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА НАРХИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ БАРОИ ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

| Ихтисосҳо ва тахассусҳо | | Шакли таҳсил | Маблағи таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ – ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-1901010202 | Дизайни интерер | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-19010105 | Дизайн (костюм ва газвор) | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет – технологияҳо | Рӯзона | 5280 | 1 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 07 | Таъмини математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматонӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-40 03 01 | Интеллекти сунъӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн) | Рӯзона | 4470 | 3 |
| 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-25010805 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | Рӯзона | 5280 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ – ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН*** | | | | |
| 1-360701* | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва корхонаҳои масолеҳҳои сохтмонӣ | Рӯзона | 5300 | 1 |
| 1-700501* | Лоиҳакашӣ, иншоот ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5300 | 1 |

***- донишҷӯён ду соли аввалро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва се соли боқимондаи таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус идома медиҳанд.***

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!**

**Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

**Суроғаи мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев - 63/3.**

**Тел: (+992 37) 234-79-88 / 234-79-90.**

**Суроғаи электронӣ: rectorat-tut@mail.ru**

**Саҳифаи интернет: http//www.tut.tj**

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

**аз 19-уми январи соли 2023, №24/ф, ш. Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2018, №103/ф**

**120.030.030**

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014 таҳти №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚШ ҶТ) 31-уми январи соли 2018 «Биноҳои истиқоматии бисёрманзила», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2018, 103/ф «Дар бораи тасдиқи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ» тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми январи соли 2019 таҳти №816 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- ба банди 177 ҷумлаи чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Зарурати пешбинӣ намудани партовлӯлаҳо дар биноҳои истиқоматии бисёрхонагӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ё сохтори ваколатдори он, бо дар назар доштани системаи партовдуркунии маҳали ҷойгиршавии бино муайян мегардад ва усули партовдуркуниро мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳо дар супориши меъморию банақшагирӣ дарҷ менамоянд.»;

- ба замимаи 1 сатри 1.3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

| | |
|---|---|
| 1.3. Системаи партовдуркунӣ | Системаи партовдуркунии биноҳои истиқоматии бисёрхонагӣ ва ё системаи баровардани партовҳои маишӣ, қисми таркибии маҷмӯи таҷҳизоти муҳандисии бино мебошад, ки барои қабул, нигоҳдории муваққатӣ ва интиқоли партовҳои сахти маишӣ пешбинӣ мегардад. |

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорат иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Низом МИРЗОЗОДА**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти феҳристи Р/Б № 816 «в» аз 1-уми марти соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.***

## ЭЪЛОН!

Муассисаи нашриявии «Адиб» ҷиҳати нашри китоб барои ноширон озмун эълон менамояд. Ҳуҷҷатҳоро оид ба баргузории озмун аз муассиса дастрас кардан мумкин аст.

Муҳлати қабули дархостҳо – то 16 марти соли 2023. Телефонҳо барои маълумот: 233-93-97, 233-01-83.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи силсилаи МТ-1№098223-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе бо ихтисоси «Ҳамшираи тиббӣ» таҳти қайди 9689 соли 1989 ба Охунов Маъруфҷон Муминҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода соли 2021 ба Ғаюрзода Сиҷовиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0414817-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2016 ба Пиракова Рухшона Абдуғафоровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД -2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак-1, ҳавлии 1«а» ба Олимов Ятим Саидович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД -2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 2-юми январи соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, бинои 8, квартираи 35 ба Собирова Шарофат Ғайратовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ №536151-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Қубодиён соли 1977 ба Курбонова Майхон Хакбердиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 559228-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Қубодиён соли 1978 ба Одинаева Давлат Сандаловна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0572826-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Қубодиён соли 2012 ба Акобиров Иззадулло Мирунбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0260997-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Шаҳритус дар асоси қарори раиси ноҳияи Шаҳритус таҳти рақами 963 аз 27-уми декабри соли 2010 ба роҳбари хоҷагии деҳқонии «Икромиддин» Тӯраев Насриддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0141336-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шаҳритус ба Тураев Насриддин Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди 183-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Шаҳритус 6-уми июни соли 2011 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритус, шаҳраки Шаҳритус, кӯчаи А. Мирзоев, бинои 22, ҳуҷраи 5 ба Миргород Валентина Якубовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ХТ № 0083599-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шаҳритус 29-уми декабри соли 2011 таҳти феҳрасти 1Ш-309 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи А. Мирзоев, хонаи 22, ҳуҷраи 5 ба Миргород Валентина Якубовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-АТА № 0104135, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-уми ноҳияи Темурмалик соли 2014 ба Файзуллоев Хайрулло додааст, бинобар иваз шудани ному насаб ба Файзуллозода Хайрулло Саъдулло, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0297531, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Темурмалик соли 2016 ба Файзуллоев Хайрулло Саъдуллоевич додааст, бинобар иваз шудани ному насаб ба Файзуллозода Хайрулло Саъдулло, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0471254-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 17-уми январи соли 2022 ба Абдуллоев Раҳматулло Убайдуллоевич (РЯМ 0331448334) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЭВ № 826184-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 1998 ба Нарзикулов Бахтиёр Туракулович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0129345-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун 5-уми июни соли 2006 таҳти № 320 ба сокини деҳаи Каҷбеди Ҷамоати деҳоти Қади оби шаҳри Роғун Шоев Мунавар додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0324953-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Роғун 10-уми ноябри соли 2006 таҳти №1875 ба сокини деҳаи Ҷавонии Ҷамоати деҳоти Қади оби шаҳри Роғун Исонова Файзигул додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи хоҷагии деҳқонии «Манучеҳр», ки онро Нозироти андози ноҳияи Данғара 10-уми феврали соли 2018 бо РМА 225268048, РЯМ 2230035088 додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 3, квартираи 5 ба Маҳмадов Маҳмудҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 3, квартираи 5 ба Маҳмадов Маҳмудҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи байни ҶДММ «Винбокс» ва Маҳмадов Маҳмудҷон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 3, квартираи 5, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, бинои 82/4, квартираи 47 ба Давлатов Темуршоҳ Шералиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0267183 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 3-юми марти соли 2021 ба ҶДММ «Некрӯз ва Нурбахш» (РЯМ 0110026428, РМА 010102652) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 116, ҳуҷраи 38 ба Холов Сайнуридин Шамсидинович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Шайх Сино» бо РЯМ 1810001417, ки дар Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба хабарнигори рӯзнома Нӯъмон Низомӣ бинобар вафоти апаашон МУСАВВАРА изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 13 марти соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97